# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Проблемаи тарбияи насли наврас дар ҳамаи марҳилаҳои таърихию иҷтимоии рушди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаи педагогика қарор дошта, на танҳо дар асарҳои илмию адабӣ, балки дар мероси педагогикаи халқӣ бахусус анъанаҳои халқи тоҷик инъикос ёфтаанд. Дар ин робита, барои омӯзиши ҳаматарафаи афкори педагогӣ ва рушди он таҳқиқоти ақидаҳои педагогии маорифпарварони гузашта, олимон, нависандагон, инчунин ғояҳои дар эҷодиёти хаттӣ ва шифоҳии мардумӣ инъикосёфта аз аҳаммият бархӯрдор мебошанд.

Проблемаи тарбияи насли наврас ҳамеша барои кишварҳое, ки аз нигоҳи иқтисодӣ дар давраи гузариш қарор доранд, муҳим арзёбӣ карда мешавад, зеро дар он кишварҳо ҳамзамон бо тағйирот дар соҳаи ҷамъиятию сиёсӣ дар шуури инсонҳо ҳам таҳаввулоти назаррас ба вуқуъ меоянд. Бинобар ин, ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллии давлат ва хизмат ба Ватан дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" инъикос ёфтаанд, ки дар он сиёсати давлат дар соҳаи тарбияи насли наврас муайян карда мешавад. Санади мазкур моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои тарбияро дар марҳилаи нави таърихӣ ба низом даровара, накш ва аҳаммияти онро дар ташаккули шахсияти инсони муосир муайян менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳалаи ибтидоии ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қарор дорад. Шукуфоии минбаъдаи он бо тарбияи шахсияти дорои дараҷаи баланди ахлоқӣ, олами ботинии ғанӣ, эҳсоси волои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳаммулпазирӣ вобастагӣ дорад.

Дар бораи аҳаммияти тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, такмилёбии сифатҳои мазкур дар низоми таҳсилот санадҳои меъёрӣ ва қонунҳо аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи маориф”, ”Консепсияи мактаби миллӣ”, “Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак”, ки қабул гардидаанд, шаҳодат медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барномаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба тасвиб расидаанд, ки дар онҳо вазифаҳои асосӣ ва самтҳои ояндадор дар ин бобат муайян карда шудаанд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки дар ҷанбаҳои гуногуни анъанаҳои халқи тоҷик ба сифати мавзуъ ва ҳадафи асосӣ тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас интихоб гардидааст ва дар мероси педагогикаи халқӣ (хаттию шифоҳӣ), зимни нақши анъанаҳои  халқи тоҷик, назария ва амалияи тарбияи инсон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ эҷод шудаанд.

Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна 14-уми июли соли 1973 таваллуд шудааст. Соли 2000 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ хатм намудааст. Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро соли 1996 ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ш. Кӯлоб оғоз намуда, соли 2002 ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоии Литсейи “Лаёқат”- и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, соли 2011 директори Мактаб-интернати №4-и шаҳри Душанбе, соли 2012 директори Гимназияи хусусии “Ҳиммат”-и шаҳри Душанбе, соли 2013 мутахассиси пешбари раёсати ташкили назорати давлатӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилоти Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017 мудири шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, соли 2021 мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, соли 2023 муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият намудааст. Мавсуф айни замон ба ҳайси дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд.

Кори диссертатсионии докторант Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **"Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон"** осори мутафаккирон ва мероси педагогикаи халқӣ роҷеъ ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, моҳияти иҷтимоии тарбияи ватандӯстю сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ҷойгоҳи мавзуи ватандӯстӣ, сулпарварӣӣ ва таҳаммулпазирӣ дар стандарту барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар дастуру воситаҳои таълимиву тарбиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз он ҷумла, қайд карда шудааст, ки тайи солҳои тулонӣ тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дур аз арзишҳои миллии маънавию ахлоқӣ қарор дошт. Халқи тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо ин донишҳоро дар тарбияи насли ҷавон истифода менамуд. Айни замон талабот ба эҳёи педагогикаи халқӣ ва тарбияи анъанавӣ, ки метавонад асолат ва зеҳнияти мардуми тоҷикро ҳифз намояд, ба таври ҷиддӣ эҳсос мегардад.

Калонсолон ба кӯдакон меҳнат кардан, нишон додани маҳорати меҳнатӣ ва малакаҳои меҳнатиро меомӯзонданд, ба онҳо зиндагӣ, урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои маросими динӣ ва меъёрҳои рафтори инсониро, ки аз тарафи гузаштагон дар асоси ҷамъбаст ва мулоҳизаи шароити зист андӯхта мешуд, муаррифӣ мекарданд. Ҳамин тавр, этика (илми одоб) ба вуҷуд омад. Барои тарбияи наслҳои нав асарҳои фолклорӣ – қиссаҳо ва афсонаҳо дар бораи қаҳрамонон истифода мешуданд. Қиссаҳои пурмоҷаро, афсонаҳо, махсусан, зарбулмасалҳо васила ва неруи пурзӯр дар тарбия буданд, чунки дар онҳо таҷрибаи зиндагии одамон ҷамъбаст гардида, истеъдоди педагогии мардум таҷассум мeёфт. Ин ҳама қадамҳои нахустини педагогикаи халқӣ ба шумор мерафт.

Пешқадамтарин шахсиятҳои асрҳои гузашта неруи тавонои тарбиявии анъанаҳо ва эҷодиёти халқро эҳсос мекарданд. Онҳо дар

асарҳои худ ривояту қиссаҳои шифоҳии мардумиро истифода мекарданд ва гузашта аз ин, ғояҳои эҷодиёти мардумиро инкишоф медоданд. Дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Румӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Сайидои Насафӣ, Унсурулмаолии Кайковус ва дигарон эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври густарда истифода шудааст, ки дар он ба масъалаҳои тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд.

Педагогикаи халқӣ дорои маънии амиқ мебошад, ки дар он мафҳумҳои гуногун аз қабили ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва садоқат, башардӯстӣ ва меҳру муҳаббат ба халқ, хоксорӣ, ростӣ, мардонагӣ, эҳтироми калонсолон, ҷасорат ва ғайра инъикос ёфтаанд. Ҳамаи маҷроҳо аз рӯди пуроби беолоиш ибтидо мегиранд, ки ба сулҳдӯстӣ анҷом меёбанд. Дар ин масир, махсусан, ба ватандӯстӣ аҳаммияти калон дода мешавад.

Ватандӯстӣ дар мубориза барои ташкил додани давлатҳои миллӣ, дар набарди зидди истилогарони аҷнабӣ истифода мегардад. Ҳарчанд ки халқи тоҷик то замони соҳибихтиёрии худ соҳиби давлати миллӣ набуд, вале ба мисли дигар халқҳо, фарзандони худро дар руҳияи мубориза бар зидди ишғолгарон, зарурати ҳифзи озодию истиқлолияти худ тарбия мекард. Талош барои озодӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ инъикос ёфтааст.

Хулоса, дар асоси таҳлили амиқи адабиёти тоҷику форс, фолклори мардумӣ ва анъанаҳои мардумии халқи тоҷик, инчунин китобҳои дарсӣ, дастурҳои педагогӣ, барномаҳои таълимӣ ва маводи дидактикӣ метавон ба хулоса омад, ки тарбияи сифатҳои арзишманди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ муҳимтарин вазифаи низоми таҳсилот мебошад. Ин сифатҳои шахсӣ калидӣ ба ҳисоб мераванд, зеро тамоми низоми тарбияи башардӯстӣ ба онҳо асос ёфтааст.

Боби дуюм, ки **“Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик”** ном дорад, ба таҳлилу баррасии масоили тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, аҳаммияти ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ бахшида шуда, аз он ҷумла изҳор карда шудааст, ки дар замони муосир тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазириро дар сатҳи муассисаи таълимӣ фаро гирад. Дар

муассисаи таълимӣ бояд фазои адолат, ошкорбаёнӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмрон бошад.

Ахлоқ муродифи одоб аст ва тарбияи ахлоқӣ раванди қабули қарорҳо ва интихоби амалҳост. Он омили калидии рушди давлат ва ваҳдати халқ буда, ба мавқеи шаҳрвандӣ, эътиқодоти ахлоқӣ ва меъёрҳои одоби инсон вобаста аст. Барои баланд бардоштани ахлоқи кӯдак, худшиносӣ ва худ ифодакунии насли наврас нақши муассисаҳои беруназмактабӣ бузург аст.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташаккули сифатҳои ахлоқиро дар хонандагон муҳим медонанд ва таъкид мекунанд, ки кӯдакон бояд масъулияти қарорҳои худро эҳсос намоянд. Бе меҳнат кӯдак малакаҳои муошırати инсонӣ пайдо намекунад ва идоранашаванда мегардад. Эҳтироми шахсияти хонанда уҳдадории асосии омӯзгор аст.

Муҳим аст, ки кӯдакон бо меҳнати атрофиён ошно шаванд ва рафтори манфии дигаронро қабул накунанд. Онҳо бояд сифатҳои ахлоқии ҷомеаро азхуд намоянд, вагарна рушди ахлоқии онҳо маҳдуд мешавад. Ахлоқ дар зеҳни кӯдак танҳо дар муҳити муносибатҳои маънавӣ ҷой мегирад. Эҳсоси ҳамдардӣ ва ҳамсӯйӣ ба дарди дигарон (эмпатия) бояд тарбия карда шавад. Фарҳанги ахлоқии халқ неруи сулҳовар аст ва онро дар раванди таҳсилот бояд ба кор бурд. Сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва муҳаббат ба Ватан муҳиманд.

Ҳамин тавр, ба доираи мафҳумҳои ахлоқӣ бисёр сифатҳои мусбат ва пурфазилат шомил мешаванд, аммо эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун сифатҳои муҷовири шахсӣ бояд аз давраи кӯдакӣ тарбия карда шаванд. Дар ин амр раванди тарбиявии ҳадафмандгардида, ки дар синфҳои ибтидоӣ бо роҳбарии омӯзгор амалӣ мегардад, нақши махсус дорад.

Ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ҷашну идҳои миллӣ муҳим аст. Ватанпарастӣ ҳамчун яке аз арзишҳои муҳимтарин, бесобиқа, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат тааллуқ дорад, муҳимтарин мероси маънавӣ, моддӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ - эҳтиром ба Ватан, ҳамбастагӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳо ва арзишҳои миллии хешро ифода мекунад. Сифатҳои ватандӯстӣ барои ифодаи фаъолонаи мавқеъи шаҳрвандӣ муҳиманд ва ҷузъҳои психологию педагогиро дар бар мегиранд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шинохтани рамзҳои давлатӣ, таърихи Тоҷикистон, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ душворӣ мекашанд. Онҳо дар

таҳлили рафтори худ ва ҳамсолон, муносибат бо дӯстон низ мушкилот доранд. Сифатҳои ватандӯстӣ дар онҳо пурра ташаккул наёфтааст. Сабабҳо дар беэътибории волидон ва омӯзгорон, инчунин дарки нокифояи моҳияти ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва рамзҳои давлатӣ мебошанд. Аз ин рӯ, барои ислоҳи ин гуна вазъ коркард ва амалисозии барномаи тарбияи ватандӯстӣ зарур аст.

Дар боби 3-юми диссертатсия **“Истифодаи усул ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик”** масоили равишҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва дар раванди таълиму тарбия дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ, ҳачунин, фаъолияти роҳбари синф оид ба амалисзии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Суҳбат дар мавзуъҳои меҳрубонӣ, некӣ, дӯстӣ ва машғулиятҳои амалӣ оид ба шарму ҳаё, ростӣ, риоя намудани одоби накӯ ва ахлоқи хуб гузаронида шудаанд. Эҳсоси ғамхорӣ, раҳму шафқат ташаккул дода мешуд. Шеърҳо, афсонаҳо, зарбулмасалҳо ва ҳикматҳо таҳлил гардиданд.

Хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия ёфта, бо анъанаҳои мардумӣ шинос мешаванд. Дар бораи қаҳрамонон, муқаддасоти миллӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо маълумот дода шудааст.

Дар хонандагон ташаккул додани тасаввуроти пурра оид ба фарҳанги сулҳу таҳаммулпазирӣ, ахлоқи одамӣ, маънавиёт, эҳсоси миллӣ, дӯстии халқҳо ва эҳтиром ба волидон, Ватан ва Ҳукумат муҳим аст. Ин тавассути риояи меъёрҳои ахлоқӣ, бедор кардани муҳаббат ба Ватан, ошно намудан бо қаҳрамонони халқӣ ва тарбияи муносибати дӯстона бо миллатҳои дигар амалӣ мегардад.

Дар ин боб инчунин тамошои осрхонаҳо,саёҳат ба маконҳои таърихӣ ва дидор бо ашхоси намоён таъкид гардидааст, ки ба таҳкими эҳсоси башардӯстию сулҳпазирии хонандагон мусоидат мекунад.

Таърихи халқи тоҷик ва мероси башардӯстонаи он дорои анъанаҳои ғанӣ буда, дар раванди таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ ҷойгоҳи назаррас дорад. Аз замони зардуштӣ аҳкоми "пиндори нек", "гуфтори нек" ва "рафтори нек" истифода мешуданд.

Дар боби мазкур таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки омилҳои дидактикӣ ва методии аз тарафи омӯзгорон истифодашаванда заминаҳои заруриро барои тарбия ва рушди сифатҳои ахлоқии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ пурра ба вуҷуд намеоваранд. Биноан, зарур аст, ки ба воситаи тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ қобилиятҳои маърифатии онҳоро ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ ташаккул дод.

Боби 4-и таҳқиқоти диссертатсионӣ **ба баррасии масоили ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ** бахшида шуда, дар ин росто, аҳаммияти муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъсири ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила ба тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст, ҳамчунин, корҳои таҳқиқотию озмоишӣ арзёбиву ҷамъбаст карда шудаанд.

Аз ҷумла, иброз карда шудааст, ки дар шароити навсозии иқтисодию сиёсӣ дар Тоҷикистон тарбияи насли наврас хело мушкил шудааст. Сабабҳо: заиф гардидани нақши мактабҳо дар тарбия, вайроншавии оилаҳо, афзоиши наврасони бепарастор, ҷиноёткорӣ, нашъамандӣ, дастрасии осон ба иттилооти зараровар, коҳиши дастрасӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, ҷой надоштани ғояҳои ватандӯстӣ дар низоми нав. Ахлоқ дар ташаккули шахсият муҳим аст, зеро он дар оила, мактаб ва таъсири ҷомеаи муосир ташаккул меёбад. Кӯдакони имрӯза зери таъсири фарҳанги наворию видиоӣ қарор мегиранд, ки ҷаҳони эҳсоси онҳоро маҳдуд мекунад.

Муассисаҳои беруназмактабӣ ба кӯдакон кумак расонида, қобилиятҳои эҷодии онҳоро инкишоф медиҳанд ва дар тарбияи ахлоқии онҳо саҳми бузург доранд. Онҳо хонандагони синфҳои ибтидоиро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарастӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия мекунанд. Гурӯҳҳои худфаъолиятӣ дар муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ҷойгоҳи асосиро ишғол намуда, талаботи эҷодӣ ва маънавии онҳоро қонеъ мегардонанд. Гурӯҳҳои худфаъолиятии бадеӣ дар соҳаи кори равшаннамоӣ таҷрибаи калон доранд ва ба рушди ҳаматарафаи шахс мусоидат мекунанд. Муассисаҳои фарҳангӣ дар тарбияи арзишҳои ахлоқии хонандагон саҳми назаррас доранд, аз ин рӯ, хонандагонро омӯзгорон бояд ҳафтае як маротиба ба китобхона, театр, осорхонаҳо ва ба ҷойҳои ҷолиби шаҳр ба саёҳат бурда боздид намоянд ва ошно созанд.

Таҳлили натиҷаҳои озмоишҳо нишон дод, ки методҳои психологию педагогӣ дар омӯзиши забони модарӣ муҳиманд ва ба рушди ташаббус, тафаккури интиқодӣ, мустақилият ва ҳамкорӣ мусоидат

мекунанд. Омӯзгорон тамринҳо, диктантҳо ва бозиҳоро истифода бурданд. Тағйироти ҷузъӣ дар фаъолияти таълимӣ ва истифодаи бозиҳои миллӣ ба хонандагон таъсири мусбат расонида, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро тарбия мекунад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавқеъ, чашмандоз ва натоиҷи таҳқиқи мавзуи диссертатсия аз диди илмӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертасия дар мақолоти илмии нашргардида ва баромадҳои докторант, дар семинару конференсияҳои сатҳӣ гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи докторант Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ " ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021,№267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, академики
Академияи таҳсилоти Тоҷикстон Лутфуллозода М.

«14 » апрели соли 2025

Суроға: Индекс: 734017 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Карамов, ҳавлии №62
Телефон: (992) 904 09 13 38

«Имзои Лутфуллозода Муҳаммадро тасдиқ мекунам:»
Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова

Суроға: Индекс: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи академик А. Адҳамов, 11/2.
Телефон: (372) 2272213
E-mail: att@maorif.tj
«14 » апрели соли 2025